*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суроға; 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айни 44.*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзӯи "Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нақши муҳимро дар бунёди иқтисодиёти ба иҷтимоиётнигаронидашуда мебозад, ки таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон ва дастрасии онҳоро ба хизматрасонии муайяни давлатӣ кафолат медиҳад. Дар давоми тамоми солҳои истиқлолии кишвар ва ҳамчунин пеш аз он масъалаи таъмини тавозуни иҷтимоӣ мубрам ба ҳисоб мерафт, ки нақши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳалли он беандоза муҳим арзёбӣ мегардид. Дар замони муосир ҳифзи иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи низоми сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад, ки сатҳ ва сифати ҳаёт ва ҳамчунин дараҷаи некӯаҳволии мардуми кишварро ифода менамояд. Аз ин нуқтаи назар таҳқиқи вазъи кунунии ҳифзи иҷтиморо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти унсурҳои калидии он, дараҷаи самаранокии сиёсати иҷтимоӣ ва дурнамои рушди ҳифзи иҷтимоӣ зарур мешуморем.

Диссертант дар автореферати худ идоракунии фаъолияти иҷтимоиро ҳамчун низоми идоракунии чандир, ташаббускор дар ҷомеа баррасӣ намуда, масъалаи ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ, фаъолсозии иқтидори ҷомеа, рафъи монеаҳоро дар самти ҳамгироии гурӯҳҳои осебпазир ба ҷомеа чун вазифаҳои муҳими идоракунии иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст.

Муҳаққиқ дар қатори ҷанбаҳои назариявии мавзӯи баррасишаванда, инчунин дар боби дуюми диссертатсия вазъи муосир ва идоракунии рушди соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлилу баҳодиҳӣ кардааст.

Аз таҳлилҳои муҳаққиқ бармеояд, ки ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ аз қабили нафақа, ёрдампулӣ ва стипендия дар ҷамъи даромади умумии аҳолӣ 6,3-5,2%-ро дар давоми 7 соли охир ташкил медиҳад. Дар баробари ин ҳиссаи пардохтҳои ҷубронӣ, аз ҷумла кумаки башардӯстона аз ҷамъи даромади аҳолӣ аз 1,32% то 2,2% баробар аст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур муҳим баҳисоб рафта аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад ва натиҷаҳои он метавонад барои ҳалли масъалаҳои гуногуни марбут ба такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ истифода шавад.

Аз ин лиҳоз, муаллиф андешаи худро доир ба раванди мазкур дуруст баён намуда, ақидаи худро дар доираи мавзуи баррасишаванда баррасӣ намудааст.

Қобили қайд аст, ки дар автореферат методҳои муқоиса ва таҳлил ба мавриди истифода шуда, объекти таҳқиқот мушаххасу аниқ баён гардида, пай дар пайи ҷумлаҳо бо услуби илмӣ-коргузорӣ ва забони асл тоҷикӣ эҷод шудаанд. Бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ муаллиф коркарди принсипҳои муайян ва риояи онҳоро пешниҳод намудааст.

Дар баробари ин дар автореферати мавриди тақриз баъзе кпмбудиҳо низ ба назар мерасад, ва онҳо ба мазмуни асосии автореферат таъсиргузор нест.

1. Хуб мешуд, агар муаллиф дар автореферат масъалаи истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро дар шароити кишвари мо ба таври мушаххас мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор медод.
2. Бисёр ба маврид мешуд, агар унвонҷӯ дар таҳқиқот усулҳои пешгӯикуниро (ояндабинӣ) истифода мебурд.

Дар умум, камбудиву эродҳои муайяншуда тавсиявӣ мебошанд, ки ба мазмун ва қимати илмӣ-назариявии диссертатсия таъсири манфӣ расонида наметавонанд. Дар маҷмӯъ қайд карда мешавад, ки дар асоси ҳама ҳолатҳои дар боло қайд гардида, рисолаи мазкур дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он Холиқзода Аҳлиддин Юлдош барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), сазовор мебошад.

**Муовини ректор оид ба илм**
**ва инноватсияи ДДҲБСТ,**
**д.и.и., профессор** **Бобоҷониён Д.Д.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр. 17, бинои 1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
тел.:+992 (3422)23811, +992 927734646, bobojonovd@rambler.ru

ДДҲБСТ
имзои д.и.и., профессор Бобоҷониён Д.Д. -ро
тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо
Бобоев А.К.